Ҳеҷ амали некро кам нашумор, ҳатто агар бо чеҳраи кушода ба дидори бародарат биравӣ

Аз Абузар (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Ҳеҷ амали некро кам нашумор, ҳатто агар бо чеҳраи кушода ба дидори бародарат биравӣ".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ба анҷоми амалҳои нек ва кам надонистани он, агарчи андак бошад ҳам, ташвиқ ва водор намудаанд, аз ҷумла бо чеҳраи кушода мулоқот кардан бо дигарон. Бинобар ин шахси мусалмон бояд ба он аҳамият диҳад, зеро он боиси тасаллӣ ва шод шудани бародари мусалмон мешавад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5348